**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ). – Душанбе, 2026. – 170 с.**

Дар таърихи насри ирфонии форсу тоҷик чандин осори муътабар рӯйи кор омадаанд, ки ҳар яке аз онҳо мақом ва ҷойгоҳи хоссе доранд. Яке аз чунин асарҳо «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ мебошад. Рисолаи мазкур аз аввалин осори мансури ирфонӣ буда, ба забони арабӣ таълиф шудааст, ки аз тарафи шогирдаш Абуалӣ Ҳасан ибни Аҳмади Усмонӣ ба забони форсӣ тарҷума гардидааст. «Рисолаи қушайрия» аз манобеи муҳимми шинохти ирфон ва тасаввуф буда, барои таълифи осори ирфонӣ чун сарчашма ва китоби марҷаъ ба кор меравад ва илова бар ин, дар рушду такомули насри даврони хеш саҳмгузор ва ба марҳалаҳои баъдӣ низ таъсиргузор мебошад. Диссертатсияи тақризшаванда ба арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ бахшида шудааст, ки **арзиши махсуси илмӣ** дорад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертстсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2018-2024, ки ба таҳқиқу нашри осори адибони классикӣ ва муосир бахшида шудааст, омода гардидааст. Агар мушаххастар баён намоем, мавзуи диссертатсияи тақризшаванда ба доираи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишии шиносномаи ихтисоси илмии 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) хусусан, бандҳои 3-4-уми «Соҳаҳои таҳқиқот»-и он комилан мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Гарчанде ки мероси адабии Абулқосими Қушайрӣ, бахусус «Рисолаи қушайрия» фарогири муҳимтарин матолиб ва масоили тасаввуфи назарию амалӣ маҳсуб меёбад ва дар байни осори мансури ирфонии адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ нақши бориз дорад, вале то кунун дар адабиётшиносӣ ба андозаи кофӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Аз дараҷаи таҳқиқи мавзуъ маълум мегардад, ки то ҳол дар адабиётшиносии дохилӣ ва хориҷӣ арзишҳои адабию ҷанбаҳои ҳунарии «Рисолаи қушайрия» муайян намудаанд ва рӯйи он як таҳқиқи ҷомеъу

фарогир сомон ёфтааст. Диссертатсияи тақризшаванда бевосита ба арзишҳои адабии тарҷумаи форсии рисолаи мавриди назар бахшида шуда, аз назари сохтору мундариҷа, вижагиҳои забонӣ, сабки баён ва шеваҳои шарҳи истилоҳоти ирфонӣ пардохта шудааст, ки барои илми адабиётшиносӣ, махсусан қисматҳои назарияи адабиёт ва накди адабӣ, ҳам икдоми заҳматталаб ва ҳам талаби замон буда, **аҳаммияти мавзуи диссертатсияи** Наҷотзода Ҷамшед Нарзуллоро собит менамояд. Дар ин асос мавзуи диссертатсияи мазкурро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд. Диссертант барҳақ қайд намудааст, ки «дар адабиётшиносии тоҷик то кунун масъалаҳои осори мансури ирфонӣ, махсусан осоре, ки нахуст ба арабӣ таълиф гардида, баъдан тарҷумаи форсии тоҷикии он рӯйи кор омадааст, камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Аз ин дидгоҳ, масъалаҳои дар рисола таҳқиқгардида бори нахуст дар адабиётшиносӣ рӯйи кор омадааст» (дисс., с.8).

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертант доир ба арзишу аҳаммияти адабиёти суфия ва таҳқиқоте, ки дар ин росто аз тарафи муҳаққиқон рӯйи кор омадаанд, дар ин пажуҳиш ёдоварӣ намудааст. Аз он ҷумла, ковишҳои илмии А. Зарринкуб, Б. Фурӯзонфар, М. Ш. Кадканӣ, В. А. Жуковский, Е.Э. Бертелс, Р. Николсон, Ҳ. Ритер, А.М. Шиммел, Р. Ҳодизода, М. Ҳазраткулов ва дигарон. Бо вуҷуди ин, то кунун иддае аз расоил ва кутуби мансури суфия, бахусус қисмате аз таълифот, ки нахуст ба арабӣ таълиф гардида, сипас ба форсӣ-тоҷикӣ тарҷума шудаанд, ба таври боиста мавриди пажуҳиш қарор нагирифтаанд. Масъалаи мазкур бо ҷузъиёташ мавриди таҳлилу баррасии васеъ қарор гирифта ва халое, ки дар ин росто ба назар мерасад, онро кори таҳқиқии мавриди назар то андозае комил гардонида, **навгонии илмии диссертатсия** низ маҳз дар ҳамин нукот зоҳир меёбад.

Дар диссертатсияи тақризшаванда арзишу аҳаммияти «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ мавриди таҳқиқоти ҳаматарафа қарор гирифта, муайян карда шудааст, ки «Рисолаи қушайрия» аз муҳимтарин сарчашмаҳои осори ирфонӣ маҳсуб меёбад ва барои мукаммал гардидани таҳқиқоти хеш доир ба масоили ҷараёни зиндагӣ, мероси адабии Қушайрӣ, ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти тасаввуфӣ сухан ба миён овардааст, ки то ҳол бо чунин паҳно ва вусъати фарогирии масъалаҳо мавриди пажуҳиш қарор нагирифта буд ва ин падида **навгонии илмии кори пажуҳишии довталабро** бозгӯ менамояд. Манзури донишмандон гардонидан ва ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи

Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло икдоми хуб буда, қобили таваҷҷуҳ ва шоистаи дастгирист.

Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар чаҳор банд манзур намудааст, ки моҳияти бобу фаслҳоро ифода карда, ба гунаи тезис баён ёфтаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта,** бо он асоснок мешаванд, ки дар кори диссертатсионии мазкур аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, **мисолҳои мушаххас** аз сарчашмаҳои адабӣ манзур шудаанд. Ҳамчунин, ҳаҷми маводди таҳқиқ, теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ва маърузаю гузоришҳои довталаб ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фаосафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос мувофиқат менамоянд. Диссертант вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар бобу фаслҳои диссертатсия матраҳ ва ба таҳқиқ гирифта, **хулоса ва тавсияҳои** боэътимод баровардааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, мисолҳои мушаххас, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд ва муҳимтар аз ҳама диссертант истиқлоли андеша дошта, дар хурдтарин ҷузъиёт ба баҳс ворид гардида, назари хешро доро мебошад.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, ҳадафу вазифаҳо, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор шарҳу баён ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия – **«Ҷойгоҳи Абулқосими Қушайрӣ ва «Рисолаи қушайрия»-и ӯ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ»** аз се фасл фароҳам омадааст. Дар фасли аввали боби якум, ки **«Назаре ба ҷойгоҳи тасаввуф ва нуфузи мактабҳои ирфонӣ дар замони Қушайрӣ»** ном гирифтааст, дар он доир ба калимаи «суфӣ» ва роиҷ гаштани он дар асри нуҳум ва нахустин афроде, ки онҳоро ҳамчун суфӣ медонистанд, бо зикри номҳояшон дар бахши мазкур оварда шудааст. Илова бар ин, доир ба

ҷойгоҳи тасаввуф ва нуфузи мактабҳои ирфонӣ маълумоти мушаххас оварда, ба таҳқиқ пардохтааст.

Дар воқеъ, макотиби ирфоние, ки дар замони зиндагонии Абулқосими Қушайрӣ бунёдгузорӣ шудаанд, заминаи мусоидро барои ояндагон фароҳам оварда, дар натиҷа равия ва мактабҳои нави тасаввуфӣ ба вуҷуд омад.

Фасли дуюми боби аввал **«Рӯзгор ва осори Абулқосими Қушайрӣ»** унвон дошта, дар фасли мазкур доир ба зиндагинома ва осори донишманди мазкур хеле муфассал сухан ба миён оварда, таъкид гардидааст, ки таъсири андешаҳои Абулқосими Қушайрӣ бар ҷараёнҳои иҷтимоию фарҳангӣ, илмӣ ва махсусан, адабии аҳди худ ва пас аз он қобили таваҷҷуҳ аст.

Фасли сеюми боби аввали кори диссертатсионӣ ба мавзуи **«Сохтору мундариҷаи тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»»** бахшида шудааст ва он аввалин маротиба дар чунин шакл мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст, ки аз дигар вижагиҳои диссертатсия маҳсуб меёбад.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар боби дуюми диссертатсия, ки **«Баррасии тарҷумаҳо ва шарҳи форсӣ-тоҷикии «Рисолаи қушайрия»»** унвон дорад, ба таҳқиқи тарҷумаҳо ва шарҳи форсӣ-тоҷикии онҳо пардохта, кӯшиш кардааст, ки масъалаҳои дар ин боб тарҳрезишударо дар ду фасл баррасӣ намояд.

Дар фасли аввали боби дуюм доир ба **«Тарҷумаҳо ва шарҳи форсӣ-тоҷикии «Рисолаи қушайрия»»** пажуҳиш ба сомон расонидааст ва дар ин фасл шумори тарҷумаҳои рисолаи мазкур муайян ва бартарии ҳар як аз тарҷумаҳо нишон дода шудаанд, ки аз дастовардҳои муҳимми дигари муаллифи диссертатсия маҳсуб меёбад.

**«Баррасии тасҳеҳ ва нашрҳои тарҷумаи форсӣ-тоҷикии асар»** фасли дуюми боби дуюми кори диссертатсиониро ташкил медиҳад. Дар фасли мазкур ба баррасии нашрҳои гуногуни рисолаи мавриди назар пардохта, ҳусну қубҳи онҳо муайян гардида, ба чунин натиҷа расидааст, ки «матни таҳиянамудаи устод Бадеуззамон Фурӯзонфар то анҷоми муҷаддади ин кори муҳим метавонад бо бартариҳои худ ин холиҷоҳро дар адабиётшиносӣ пур намояд. Зеро ҳамаи таҳқиқот ва шинохту арзёбиҳо ва таҳияи муҷаддади матни ин рисола дар заминаи дастовард ва заҳамоти ин донишманди фарҳехта сурат гирифтаанд» (дисс., с.87).

Боби сеюм ба **«Вижагиҳои сабкӣ ва бадеии тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»»** ихтисос дода шудааст. Фасли аввали он ба таъйини масъалаи **«Забон ва сабки баёни тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»»** бахшида шуда, дар он, асосан, ҳаллу фасли забон ва сабки баёни тарҷумаи рисолаи мазкур ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Ҳамчунин, дар

бахши мазкур оид ба таснифи осори суфия сухан ронда, бо такя бар таснифоти аҳли таҳқиқ ва бо назардошти равишҳои сабки таълиф ва муҳтавиёти осори ирфонӣ, осори суфияро муаллифи диссертатсия ба чор даста табақабандӣ намудааст.

Фасли дуюми боби сеюми кори диссертатсионӣ – **«Шеваҳои корбурд ва шарҳи истилоҳоти ирфонӣ»** буда, дар фасли мазкур чанде аз истилоҳоти ирфонӣ, ки дар назди онҳо ба маъниҳои хос мавриди истифода қарор мегиранд, шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Чунончи, калимаю ибороти «вақт», «талвину тамкин», «лавоеҳу таволеъ ва лавомеъ» барин истилоҳот мавриди шарҳу тавзеҳ қарор гирифтаанд.

Фасли сеюми боби сеюми кор ба таҳқиқи масъалаи **«Усулҳои корбурд ва сохтору муҳтавои ҳикоёт»** бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия дар ин фасл умумият ва тафовути ҳикоёти рисолаи мавриди назарро аз ҳикоёти кӯтоҳи замони муосир нишон дода, ба чунин хулоса омадааст, ки «ҳикоятҳои Қушайрӣ сохтору тарҳи сода дорад ва бештар бе муқаддима ё бо муқаддимаи кӯтоҳ шуруъ мешавад. Бештари қаҳрамонҳои ҳикоёт серҳаракат ва таҳаввулёбанда мебошанд. Бештари достонҳо дорои ду ё се образанд, аммо дар маркази нақли достон як қаҳрамон қарор дорад. Қаҳрамонҳо маъмулан, бо намоиши кирдору гуфторашон муаррифӣ шудаанд» (дисс., с.130).

**«Таъсири «Рисолаи қушайрия» ба осори ирфонии форсӣ-тоҷикӣ (дар мисоли «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ»** унвони фасли чоруми боби сеюми кори диссертатсионӣ буда, дар ин фасл муаллиф бештар ба он кӯшидааст, то ки таъсири «Рисолаи қушайрия» ба осори манзуму мансури ирфонӣ муайян гардад ва ҳамчунин, таҳлили муқоисавии он бо «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ сурат гирифтааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 14 банд фароҳам омада, натиҷаи омӯзиш, ҷустуҷӯ ва пажуҳиши масоили тарҳрезишуда дар бобу фаслҳои кори таҳқиқӣ мебошанд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводди диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти тоҷик, хусусан, осори мансури ирфонӣ ва коргоҳи эҷодию ҳунарии чеҳраҳои адабӣ ба адабиётшиносону мунаққидон, унвонҷӯёну магистрантон ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводди назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Маводди фароҳамомадаро барои таҳқиқу омӯзиши масъалаҳои назарии адабиёти тоҷик, махсусан осори ирфонии тарҷумашуда метавон бахубӣ истифода кард. Инчунин, ҳангоми навиштани диссертатсияҳои

номзадӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, таҳияи васоити таълимӣ, мақола ва дигар корҳои пажуҳишӣ ба ҳайси маводди омӯзишӣ ва илмӣ истифода намудан мумкин аст. Аз ин рӯ, диссертатсияи тақризшаванда **аҳаммияти махсуси амалӣ** низ дорад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ навиштаанд, ки аз ин миён 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба нашр расонидааст. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсия, автореферат ва мақолаҳое, ки доир ба ин мавзуи муҳимми илмӣ аз ҷониби довталаб таълиф ва интишор шудаанд, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, ба **талаботи** Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ **мувофиқат менамояд.**

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Бо вуҷуди таҳлилу таҳқиқи ҷолиби таваҷҷуҳ ва дастовардҳои назарраси илмӣ диссертатсияи тақризшаванда аз норасоиҳо низ орӣ нест:

1. Ба андешаи мо, дар муқаддимаи диссертатсия ба ҷойи тавзеҳи моҳият ва арзиши асари Абулқосими Қушайрӣ зарурати омӯзиши он бештар баррасӣ мегардид, беҳтар буд.

2. Дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ, агар диссертант адабиёту таълифоти марбут ба осори Қушайриро аз нигоҳи моҳияти илмӣ гурӯҳбандӣ мекард, масъала бештар равшан мегардид.

3. Дар боби якуми диссертатсия, агар мероси адабии Абулқосими Қушайрӣ дар алоҳидагӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирифт, мақоми ӯ дар таърихи адабиёт ба таври зарурӣ мушаххас мешуд.

4. Дар боби дуюми диссертатсия, агар ҳикоёти мавриди назари Абулқосими Қушайрӣ на дар як зерфасли мухтасар, балки дар як фасли алоҳида баррасӣ мегардид, беҳтар буд.

5. Дар зикри номҳо дар диссертатсия гуногуннависӣ ба назар мерасад. Чунончи, дар як ҷой Абулқосими Қушайрӣ, ҷойи дигар танҳо

Қушайрӣ. Ба ҳамин монанд дар як ҷо Нишопур, ҷойи дигар Нишобур ва ё дар як ҷой аҳамият, ҷойи дигар аҳаммият манзур мегардад.

6. Дар кори илмӣ аз овардани ибороте чун: (бояд қайд намуд с. 20), (мавриди зикр аст, боиси таъкид аст с. 30, 33, 44), (метавон с. 26) худдорӣ намуда, сухани дар зеҳн бударо, ки барои тақвияти андеша аст, дар кори илмӣ бе овардани чунин иборот иброз бояд дошт.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, асосан, хусусияти тавсиявӣ ва пешниҳодӣ доранд.

Хулоса, диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики
факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Собирзода Ҳ. Ю.
«04»-уми августи соли 2026.

Нишонӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Нахимов бинои 64/7а, хуҷраи 210
Тел.: (+992) 111-15-02-83
E-mail: hamza_sobirov@inbox.ru

Имзои Ҳ.Ю. Собирзодаро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.
«04»-уми августи соли 2026.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj